# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Исуфов Шердил Ватанович дар мавзӯи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с. 1941-1945)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).**

Докторант Исуфов Шердил Ватанович диссертатсияи худро дар асоси нақшаи фардӣ, ки дар кафедра тасдиқ гардидааст, ба пуррагӣ иҷро намуда, он ба талаботи аснодҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба корҳои илмии докторантон ҷавобгӯй буда, он аз дониши амиқ, муфассал ва васеи назариявию амалии муаллиф дарак медиҳад. Пас аз омӯзиши диссертатсия муайян гардид, ки муаллиф тавонистааст бо истифода аз сарчашма ва адабиёти илмӣ корро оид ба масъалаҳои вазъи хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб дар солҳои ҶБВ мустақилона ба анҷом расонида, меъёру талаботи сохтор ва таркиббандии диссертатсияҳои доктириро риоя кардааст. Дар диссертатсия масъалаҳои асосии марбут ба вазъи хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб дар арафаи ҶБВ, қаҳрамонии меҳнаткашони вилоят дар ақибгоҳ, саҳми меҳнаткашон дар ғалаба, вазъи фарҳанг ва маорифи минтақа дар давраи мазкур таҳлил гардидааст. Матни диссертатсия бо мундариҷаи он пурра мувофиқат мекунад.

Мавзӯи мазкур то ҳанӯз дар ҳаҷми диссертатсияи докторӣ (PhD) баррасӣ нагардидааст, бинобар ин интихоби онро дуруст ва актуалӣ ҳисобидан мумкин аст. Дар маҷмуъ, таҳқиқ ва инъикоси хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, фаъолияти меҳнатӣ ва ҳаракатҳои ватандӯстонаи деҳқонони колхозӣ ва саҳми меҳнаткашони вилоят дар ғалаба бар фашизм муҳиммияти мавзуи интихобшудаи таҳқикро муайян мекунанд.

Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб мебошад. Предмети таҳқиқот – омӯзиши вазъияти иҷтимоию

иқтисодии хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро дар бар мегирад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот таҳлилу баррасии вазъи кишоварзии вилояти Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, омӯзиши муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии байни деҳқонон ва таҳлили таъсири сиёсати давлатӣ ба рушди соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот бой буда, дар он маводи Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб ва маводи ҳуҷҷатии сомонаи расмии Агентии бойгонии федералии Россия истифода гардиданд. Дар диссертатсия инчунин аз маводи матбуоти даврӣ – рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои марказӣ, ҷумҳуриявӣ ва ноҳиявӣ, нашриётҳои даврии соҳавӣ ва махсус истифода гардидааст.

Навгонии кори диссертатсионии мазкур аз он иборат мебошад, ки бори аввал дар илми таърихи ватанӣ масъалаҳои хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба таври алоҳида ва муфассал мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ ва, пешниҳоди тавсияҳои амалӣ инъикос ёфтааст.

Дар маҷмӯъ, дар навишти диссертатсия муаллиф пас аз омӯзиши сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ ва гузаронидани таҳлилу муқоиса тавонистааст вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ иҷро намояд.

Хулоса, диссертатсия мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои докторӣ (PhD)-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, комилан ҷавобгӯи он

мебошад. Автореферати диссертатсия мазмуни онро дуруст инъикос менамояд. Дар ҳамин асос, диссертатсияи мазкур кори мантиқан ба анҷом расида ҳисобида шуда, ба дифои кушод тавсия карда шуд.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с. 1941-1945)» кори мантиқан ба анҷом расида ҳисобида шуда, он ба бандҳои асосии «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Исуфов Шердил Ватанович – сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**мудири кафедраи таърихи умумӣ**
**ва муносибатҳои байналхалқии**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **Сайнаков Сайнак Парпишоевич**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
тел.: + 992 934162099; E-mail: saynakov2012@mail.ru

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Назаров Давлатхон Қурбонмуродович**

«19» 04. 2021